ҚАРОРИ

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз 18 октябри соли 2026, №94 ш. Душанбе

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Убайдуллоев Фаредулло Каримович, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Оев Анис Давлатович – номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби корпоративии ҶДММ ТАҚҲ "ЛОЛС Молия", баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х, д.и.и., профессор Шариф Р., ва д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсудинович дар мавзуи «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Исоев Аслиддин Шамсудинович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

Scanned with CamScanner

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Исоев Аслиддин Шамсудиновичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод сарфароз гардонад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Фақеров Ҳ. Н.**

И.в. котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Сафаров Б. Г.**

19 октябри соли 2026

Scanned with CamScanner